"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек
______________________
«25» 08 соли 2022

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия ва автореферати Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

## Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ

Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таълиф гардида, фарогири натиҷаи пажӯҳиши амиқи муҳаққиқ дар ин самт мебошад.

Низоми самарабахши маориф яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор ва пешрафти иқтисодиёт ва иҷтимоии ҳар як кишвар, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Пайвастшавии Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйири парадигмаи таҳсилот, ташаккули амсилаи нави миллии он ба муаммоҳои сифати омодагии кадрҳои педагогӣ – онҳое, ки масъалаи тарбияи насли навраси дорои тафаккури инноватсионӣ, фарҳанги ҷаҳоншиносӣ ва шуури бисёрфарҳангиро ҳал хоҳанд кард, таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Барои татбиқи ин вазифаҳо омода намудани педагоге, ки соҳиби тафаккури эҷодӣ буда, ба амалисозии равандҳои инноватсионӣ қобилият дорад, зарур аст. Аз ин лиҳоз, рисолаи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич, ки барои дифоъ ба Шурои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ пешниҳод гардидааст, ба назари мо, идомаи хоси он суннатҳои илмиву таҳқиқиест, ки устодон ва

донишмандони номвар дар мавриди шинохти як давраи муҳими таҳаввули илми педагогикаи тоҷик пеш гузошта буданд. Дар ин росто, таҳқиқи мазкур оид ба рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда айни муддаост.

Муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқ муаллифи рисола – Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич кӯшидааст, ки ҳар чи бештар ба андозаи вусъати диду назар ба ҳалли мавзуъ рӯй оварда, паҳлуҳои ҷолиби онро пеши назари мо намоён кунад. Дар ин амр ӯ бештар ба бозгӯи мӯҳтавову мундариҷаи қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ даст ёфтааст.

Мубрамии таҳқиқи муаммои барои омӯзиш интихобшуда, аввалан, аз зарурияти рушди қобилият ва салоҳиятнокии созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили муҳиму мураккаб дар фаъолияти касбӣ вобаста бошад, дувум нокифоя будани сатҳи омӯзиш ва коркарди илмии масъалаи ташаккули қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки дар асоси таҳлили натиҷаҳои давраи таҷрибаҳои муайянкунии таҳқиқоти мазкур, аксари омӯзгорон омодагии сусти назариявӣ, ба андозаи матлуб инкишофноёфта будани сифатҳои барои касб муҳими шахсият, ташаккули нокифояи маҳорати умумипедагогии созмондеҳӣ, бартарии қолабгароӣ дар ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ, маҳорати кофӣ надоштан дар таҳлили вазъияти педагогӣ аз мавқеи хонанда ва қабули қарор ба фоидаи у, мавқеи ғайрифаъолонаи педагогӣ, мавҷуд набудани эҳтиёҷ ба худтарбиякунӣ, муносибати бемасъулият ба меҳнати педагогӣ хос мебошанд.

Қобили таъкид аст, ки ҷиҳатҳои мазкур аҳамияти махсус доранд, зеро дар давраи ҳозира зарурати ҷиддии мутобиқ намудани ин навъи фаъолияти донишҷӯён бо тақозои дастовардҳои муосири иҷтимоӣ ва илмию техникӣ, бо вазифаҳои таълиму тарбия, ки дар рафти таҷдиди низоми маориф дар шароити азнавсозии ҷомеа ҳал мешаванд, ба миён меояд. Бинобар ин, муҳаққиқ мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» - ро интихоб намуда, шарти ба ҳадаф расиданро ба роҳи зерин, яъне аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан, коркарди амалии технологияе, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии шароити

педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян кардааст.

Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич маҳз ба масъалаи рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ бахшида шуда, он фарогири муқаддима (3-16), ду боб (боби 1-ум с.17-74; боби 2-юм с.75-132), хулоса (133-135), феҳристи осори таҳқиқӣ (136-156) ва замима (157-168) мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи кор муҳиммият ва сабабҳои интихоби мавзуъ ва сатҳу дараҷаи омӯхта шудани онро батафсил шарҳу тавзеҳ дода, ҳамзамон мақсад ва вазифаҳои хешро аз таълифи диссертатсияи мазкур саҳеҳ муайян карда, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, методу объекту предмети таҳқиқ, саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзӯъ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди амалии натиҷаҳои диссертатсия ва сохтори рисоларо тавсиф намудааст.

Боби якуми рисола **«Асосҳои назариявии рушди муаммои қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ»** унвон гирифта, масоили муҳими рушду инкишофи қобилияти созмондеҳии омӯзгоронро бештар аз нигоҳи маҳорату истеъдоди касбии омӯзгор таҳлилу таҳқиқ намудааст. Ин ҷо муаллиф бо вуҷуди таъкид, ки мавзуи таҳқиқшаванда доираи хеле васеи таҳқиқро талаб мекунад, роҷеъ ба масоили методология ва назарияи таҳқиқи моҳияти фаъолияти созмондеҳии шахсият, шакл ва усулҳои ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ, вазъи ибтидоии инкишофи қобилияти созмондеҳии донишҷӯёнро ҳамчун нуктаи меҳварии диссертатсия амиқу саҳеҳ баррасӣ намуда, воҳидҳо ва омилҳои онро хуб нишон дода тавонистааст.

Ба андешаи унвонҷӯ ва дар асоси таҳқиқоти гузуронида ва мушоҳидаҳои ӯ дар хусуси номувофиқатии ҷиддии сатҳи воқеии фаъолияти омодагии созмондеҳии касбию педагогии хатмкунандагони донишгоҳҳо ба талаботи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир гувоҳӣ медиҳад. Ин тезиси муаллиф дар рисола зимни таҳлили як қатор кори таҷрибаомӯзон дар мактабҳои муосир собит гардидааст. Ҷиҳати ҷолиб дар мавриди арзёбӣ ин аст, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба рушди қобилияти созмондеҳии педагогҳои оянда афзуд. Ин, албатта, тасодуфӣ нест, зеро ин падида қабл аз ҳама, мавҷудияти захираҳои гуногуни назариявии баррасии онро пешбинӣ менамояд, ки аз ҷумла, дар ҳамбастагии васеи он бо масъалаҳои омодагии умумипедагогӣ ва махсус, мушкилоти методологӣ, бехтарнамоии раванди педагогӣ дар донишгоҳ ва ғайра зоҳир мегардад.

Муаллиф, аз ин дидгоҳ инчунин асосҳои методологии фаъолияти созмондеҳиро дар якчанд ҷанба баррасӣ намудааст, аз ҷумла аз дидгоҳи назария ва амалияи илмӣ, аз нуқтаи назари вазъи таҳқиқи муаммо дар

илми ватаниву хориҷӣ ва ниҳоят аз дидгоҳи роҳҳои методологии тадқиқи илмӣ ва омӯзиши амалӣ.

Мафҳуми фаъолияти созмондеҳӣ ҳамчун маҳорати ба роҳ мондани амали қавию якҷоя, «шинохта тавонистани одамон», интихоб ва таъйин намудани онҳо, таъмини ягонагӣ, имкони васеи кори дӯстона ва ба мақсад мувофиқ, дарвоқеъ мутташаккилона ва муттафиқона баррасӣ мегардад.

Дигар аз ҷиҳатҳои қобили таваҷҷуҳи боби аввали рисола ин аст, ки дар он таҳлили шакл ва усулҳои ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ барҷастатар зуҳур ёфтааст. Муҳаққиқ бо ин мақсад ҷанбаи фаъолияти донишҷӯёнро дар маҷмуъ арзёбӣ мекунад, яъне ба ин падидаи том баҳои на танҳо ҷамъбастӣ, балки интегративӣ низ медиҳад. Масалан, функсияи аввалини фаъолияти созмондеҳӣ функсияи муттаҳидшавии (интегратсияи) шахсиятҳо, ташаккули ягонагии дохилии байниҳамдигарии онҳо мебошад. Функсияи муттаҳидкуниро созмондеҳанда бо ёрии баркарор намудани робитаҳои мутақобил, муносибатҳо, ҳамоҳангсозии амалҳо дар дохили гурӯҳ амалӣ мегардонад. Дар ин маврид робитаи дохилӣ таъмин мегардад (коммуникатсияҳои дохилӣ бунёд мегарданд ва нигоҳ дошта мешаванд). Аз ин ҷо функсияи дувум – функсияи коммуникатсия бармеояд. Функсияҳои севум ва чорум аз фаҳмиши худи моҳияти фаъолияти созмондеҳӣ ба миён меоянд. Ин функсияҳо дар раванди таълим ва тарбия (ба маънои васеътарини ин мафҳумҳо) нуҳуфтаанд.

Боби дуюми рисола, ки **«Ҷанбаҳои озмоишии татбиқи технологияҳои педагогӣ оид ба инкишофи қобилияти созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ»** унвон гирифтааст, масоили умдаи худтарбиякунӣ, ташкили фаъолияти донишҷӯён оид ба рушди қобилиятҳои созмондеҳӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогиро ба силки таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ дар натиҷаи омӯзиши раванди мазкур ба натиҷае расидааст, ки аксари донишҷӯён – таҷрибаомӯзон дар сатҳи зарурӣ ба малакаю маҳорати созмондеҳӣ соҳиб нестанд. Бо назардошти фарзияи тадқиқот муҳаққиқ фаъолияти донишҷӯёнро оид ба инкишофи маҳорати худиттилоъдиҳӣ, худдастурдиҳӣ ва интиқоли фикрию эмотсионалии онҳо, ки барои фаъолияти созмондеҳии онҳо муҳим аст, ташкил менамояд. Дар ин қисмати таҳқиқот 392 нафар донишҷӯёни курсҳои 3-4-уми факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5, 6, 7, 12, 22, 23, 24-и шаҳри Хуҷанд, инчунин мактабҳои №25, 26-и ноҳияи Б.Ғафуров ва гимназияи №1-и ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд) мавриди таҷрибаву таҳлил қарор гирифтаанд. Сипас унвонҷӯ фаъолияти донишҷӯёнро оид ба худтаъминкунии иттилоотӣ ҳамчун манбаи муҳими фаъолияти созмондеҳии донишҷӯён ба роҳ мемонад.

Лозим ба таъкид аст, ки рисолаи мазкур ба донишҷӯён – таҷрибаомӯзон ҳангоми омодагӣ барои кор бо хонандагони «душвортарбия» ва волидайни хонандагон мебошад. Донишҷӯён дарк мекунанд, ки донишҳои онҳо оид ба ин масъала воқеан нокифояанд.

Ҷиҳати ёрӣ расонидан ба донишҷӯён – таҷрибаомӯзон барои пурра намудани донишҳо адабиётеро тавсия медиҳад, ки аз он маводи барои кор заруриро ба даст овардан, пурра намудани донишҳои нокифоя имконпазир мебошад. Ба донишҷӯён таъкид мешавад, ки дар тадқиқоти аксарияти педагогҳо (Ю.П.Аваров, М.А.Алемаскин, Н.А.Андреева, Е.А.Андреева, Б.Ф. Килдюшевский, З.Г. Костяшкин, Н.К.Крупская, Г.И. Медведев, П.А.Наумов, Г.В.Мединский, А.Л.Кочетов, С.Қодиров) масъалаҳои кор бо хонандагони «душвортарбия» баррасӣ шудаанд.

Воқеан, дар натиҷаи кори анҷомёфта оид ба ҳосил намудани маҳорати худиттилоъдиҳӣ донишҷӯён – таҷрибаомӯзон огоҳ шуданд, ки он дар низоми воситаҳои худтарбиякунӣ ва фаъолияти созмондеҳӣ нақши муҳим дорад. Дар рафти кори мушаххас донишҷӯён ин воситаро аз худ намуда, барои гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ бештар омода шуданд.

Бинобар ин, ба донишҷӯён фаҳмонидани роҳу усулҳои худдастурдиҳӣ ва муҳим будани омӯзиши он, чӣ гуна рафтор кардану истифода бурдани воситаҳои тарбиявиро дар ин ё он вазъияти корҳои созмондеҳӣ ҳамчун асосҳои илмӣ ва пешниҳодоти унвонҷӯ дар ин боб возеҳ баён шудаанд.

Инчунин иштироки шахсии муаллиф дар раванди таҷриба ва таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи мавзуи мазкур арзиши илмиву амалии диссертатсияро боло бурдааст. Аз ҷумла иштироки шахсии муаллиф дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

1. Иштироки бевоситаи муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар ҷиҳатҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда, ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳое, ки ба даст омадаанд.

2. Муайян намудани асосҳои муназзамии рушди қобилиятҳои созмондеҳии донишҷӯёни тахассуси таҳсилоти ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии муосир дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ ва омӯзгорӣ;

3. Коркард ва муайян намудани шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён, методикаи татбиқи онҳо дар раванди таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

4. Коркарди барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» ва татбиқи он дар раванди тайёрии касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ;

5. Ташкили корҳои таҷрибаи озмоишӣ, санҷидани таъсири технологияи педагогии коркардшуда дар рушди қобилиятҳои

созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ва ғайра.

Инчунин, навгонии илмии таҳқиқот, натиҷаҳои ба дастомада, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Зеро навгониҳои илмии таҳқиқот муносибати махсуси тавзеҳи мавзуи мавриди омӯзиш ва таҳлилро тақозо намуда, асоси методологияи самаранок гузаронидани таҳқиқотро таъмин менамояд, ки дар нишондодҳои муайяни зерин онро мушоҳида намудан мумкин аст.

- асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти созмондеҳӣ муайян карда шуда, аввалин бор худдастурдиҳӣ, интиқоли фикрию эҳсосӣ, худмақсадгузорӣ ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти умумии созмондеҳӣ, инчунин қобилияти хусусии созмондеҳӣ баррасӣ гардидааст;
- мундариҷаи фаъолияти умумии созмондеҳӣ бо дар назардошти донишҳои муосири илмӣ аниқ карда шудааст;
- дар натиҷа тасдиқ шудааст, ки дар хатмкунандагони донишгоҳ аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии қобилияти созмондеҳӣ бо навъи фаъолияти касбии онҳо дар доираи ихтисоси гирифтаашон муайян мегардад;
- шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯёнро муайян ва асоснок намуда, методикаи татбиқи онҳо дар раванди таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна умумии коркард шудааст;
- таъсири мустақими фанҳои омӯхташавандаи психологию педагогӣ, хусусиятҳои протсессуалии фаъолияти таълимию педагогӣ ба раванди фаъолияти созмондеҳӣ дарёфт гардидааст;
- шаклҳо ва методҳои мушаххаси худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён коркард шудааст;
- курси махсус ва барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» коркард карда шуда ва дар амалияи фаъолияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии татбиқ карда шудааст.

Ҳамзамон, аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар матлабҳои зерин ифода ёфтаанд, ки дарвоқеъ аз тозагии мавзуи таҳқиқ ва арзиши илмиву амалии он дарак медиҳанд. Аз ҷумла:

- барномаи таҷрибаомӯзии омӯзгории имкониятҳои ташкили фаъолияти назариявию амалидошта оид ба рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ таҳия карда шудааст;
- усул ва технологияи роҳбарӣ ба раванди худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст;
- методикаи ташхиси сатҳи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия карда шуда аз санҷиш гузаронида шудааст;
- барномаи курси махсуси «Асосҳои педагогии омодагии

донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» таҳия карда шуда, чун предмети интихобӣ ба раванди таълим татбиқ карда шудааст;

- тачрибаи пешқадами омӯзгорон доир ба ин самт ҷамъбаст ва татбиқ карда шудааст.

Тавсияҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта бо дидгоҳҳои методологӣ ва матлабҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо, мутобиқати усулҳои таҳқиқ бо такя ба репрезентативӣ ва валиднок будани натиҷаҳои бадастомада; мутобиқати таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои бадастомада, истифодаи усулҳои оморӣ зимни коркарди маълумотҳо, истифодаи маҷмуи усулҳои илмии мутобиқ ба фарзияи кор, ҳамбастагии маҷмуи методҳое, ки ба вазифаҳои марҳалаҳои таҳқиқот мувофиқанд, давомнок ва боваринок будани маводи пешниҳодгардида ва омори маълумоти ба дастомада ва таҷрибаи кории муаллиф ба сифати педагог таъмин гардидааст.

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардиданд, асоснок мебошанд.

Дар баробари ин, ягонагии дохилӣ ва самтгирии натиҷаҳои хосилшуда барои ҳаллу коркарди масъалаи таҳқиқшаванда бо сохти дақиқи дастгоҳи илмӣ, пайдарпаи ва мантиқӣ дохилии иҷрои марҳалаҳои кор, ҳамчунин бо маҷмуи методҳои таҳқиқоти илмии педагогӣ, ки муаллиф дар зинаҳои гуногуни таҳқиқот истифода намудааст, таъмин мегардад.

Мундариҷаи диссертатсия, сохтор, натиҷаи тарҷибаҳои ҳосилшуда ва хулосабардорӣ аз муҳтавои бобу фаслҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф ба ҳадафи худ ноил гардида, фарзияи он ҳалли мусбат ёфтааст.

Ҳамин тавр, аз мутолиаву омӯзиши мукаммали ин асари илмиву тадқиқотӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Якум, рисола аз лиҳози мавзуъ, мазмуну муҳтаво ва ҳалли масоили мавриди назар кори комилан мустақилона буда, дар асоси назару бардоштҳои илмиву эстетикии худи муаллиф таълиф шудааст.

Дуюм, дар ҳар ду боби рисола муаммоҳои алоҳидаи қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ ҳадафи арзёбии муфассали илмӣ қарор гирифтааст. Яъне, пайгирии таъсири кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба динамикаи самтгирии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ ва муайян намудани омилҳои заъф ва роҳҳои рушди раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воҳиди таҳқиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Сеюм, қобили таъкид аст, ки ҷиҳатҳои мазкур аҳамияти махсус доранд, зеро дар давраи ҳозира зарурати ҷиддии мутобиқ намудани ин навъи фаъолияти донишҷӯён бо тақозои дастовардҳои муосири иҷтимоӣ ва илмию техникӣ, бо вазифаҳои таълиму тарбия, ки дар рафти таҷдиди низоми маориф дар шароити азнавсозии ҷомеа ҳал мешаванд, ба миён меояд.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот аз санҷиши зарурӣ гузашта, дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байнидонишгоҳӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо муҳокимаву баррасӣ гардида, дар 21 интишорот, аз ҷумла, 6 мақола дар нашриёҳое, ки ба феҳристи маҷаллаву нашриёҳои аз ҷониби КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар Ҷумҳурии Қирғизистон тавсияшаванда дохиланд, инъикос ёфтаанд. Ин баёнгари камолоти илмии диссертант мебошад.

Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии С.Ҳ.Мамадҷонов моҳияти мафҳумҳои қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгор ва истифодаи технологияҳои муосир дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои таълим аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва муайян гардида, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ зимни таълими фанҳои педагогию психологӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ошкор карда шудаанд; ҳамчунин, шартҳои педагогии рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгори оянда зимни таълими фанҳои педагогию психологӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ баррасӣ ва муқаррар шуда, дар рафти озмоиши педагогӣ коркарду санҷиши амсилаи технологияи рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгори оянда дар раванди таълими фанҳои педагогию психологӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ амалӣ гардида, диссертант дар ҳалли муаммои рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ саҳмгузор буда, ба ҳамин васила фарзияи таҳқиқот тасдиқ гардидааст.

Ҳадафу вазифаҳо, фарзияи илмии таҳқиқот ба мавзуи он комилан мутобиқ мебошанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, доираи кофии сарчашмаҳои илмиву методӣ, методология ва методҳои дар таҳқиқот истифодашуда, интихоби пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, тамомияти сохтори диссертатсияро таъмин намудаанд.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди муҳассаноти зиёд рисолаи мазкур низ чун аксари корҳои илмиву тадқиқотии нисбатан калонҳаҷм дорои баъзе камбудиву норасоиҳо мебошад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳанд буд:

1. Ба андешаи мо хуб мешуд, ки бо мақсади комилтар нишон додани арзишҳои мухталифи қобилияти созмондеҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ ибрози назар васеътар мегардид.

2. Дар рисола баъзе фикру мулоҳизаҳои муаллиф то андозае такрор шудааст. Масалан, ӯ дар боби дуюм нисбати қобилияти таҷрибаомӯзон дар мактиби миёна хеле батафсил андешаронӣ намудааст.

3. Рисола, асосан, бо услуби илмӣ таълиф шуда, забони он хеле равону фаҳмо мебошад, аммо дар кор баъзе ҷумлаҳо, хатоҳои услубӣ ё ғалат таҳрифи баъзе калимаҳо ба назар мерасанд, ки ин иштибоҳот бештар характери техникӣ доранд, вале аз ислоҳи онҳо ҳусни рисола бурд мекунад

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ақидаҳои олимон-муҳаққиқон пай дар пай оварда шудааст, вале бо хулосаҳои мушаххас натиҷагирӣ нашудааст.

5. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои хусусияташон имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд

Вале бояд қайд намуд, ки аз ин нуқсу норасоиҳои ҷузъӣ ҳаргиз ба моҳият ва мазмуну муҳтавои умумии рисола осеб намерасад. Муҳим он аст, ки муаллиф таҳқиқи мавзӯи мавриди назарро бо камоли фаҳмиш ва дар сатҳи шоистаи илмӣ ба сомон расонидааст.

Илова бар ин, фишурда ё худ автореферати диссертатсия комилан ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат низ марҳалаҳои таҳқиқот, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои асосии таҳқиқот пурра ифода ёфтаанд.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич таҳти унвони "Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" кори мустақилонаи тахассусии баанҷомрасида ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи "Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" - и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шуморидан мумкин аст.

Ҳамчунин сохтор, мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Мамадҷонов

Самеъҷон Ҳабибуллоевич баррасӣ ва муҳокима гардида, тарики овоздиҳии кушоди кулли иштирокчиён такризи мазкур тасдиқ карда шуд. (Қарори ҷаласаи кафедра №1 аз 25 августи соли 2022).

Тақриз аз тарафи эскперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Шарипов Анвар Абдурасулович омода карда шудааст.

Роҳбари семинари илмӣ-назариявии
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Исоева Дилором Сайдаҳмадовна

Котиби семинари
илмӣ-назариявӣ Набиева Савлат Тилавкуловна

Эксперт, номзади илмҳои
педагогӣ Шарипов Анвар Абдурасулович

Мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

25.08.2022с.

Маълумот барои тамос: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел: (83322) 235-06
E-mail: info@kgu.tj

Имзоҳои Д.С.Исоева, С.Т.Набиева,
А.А.Шарипов, П.Ҷ.Лоиқовро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати
кадрҳо ва КМ-и ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Файзуллоҳоҷа Азизович